**Бо фармоиши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «04» октябри с.2016 №113 тасдиқ шудааст**

# Низомномаи
# Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) (минбаъд - Низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Низомномаи Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таҳия гардида, вазъи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сохтор, функсия, вазифа, тартиби фаъолияти Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ-ро муайян намуда, масъалаҳои умумиро вобаста ба фаъолияти Намояндагӣ ба танзим медарорад.

1.2. Намояндагӣ воҳиди сохтории мақомоти ВҲИ буда, дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, конунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (минбаъд - ВҲИ) ва супоришҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак (минбаъд - ВҲК), Низомномаи дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин Низомномаи мазкурро ба асос ва роҳбарӣ мегирад.

1.3. Намояндагӣ воҳиди сохтории мақомоти ВҲИ мебошад ва ҷониби ВҲИ таъсис дода мешавад. Намояндагиро Роҳбари он сарварӣ менамояд. Роҳбари Намояндагӣ бо фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории хизмати давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо розигии хаттии Раиси ВМКБ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

1.4. Кормандони Намояндагӣ хизматчии давлатӣ мебошанд. Ба сохтори ҳайати Намояндагӣ воҳидҳои кории мансабҳои давлатии хизматчиёни давлатие шомиланд, ки номгуи онҳо дар басти вазифаҳои пешбинишуда аз ҷониби ВҲИ тасдиқ гардидааст.

1.5. Намояндагӣ ба ВҲИ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад. Намояндагӣ дар ҳамоҳангӣ бо Дастгоҳи ВҲИ ва мустақилона бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмиллалӣ ва ғайридавлатӣ, Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар ҳудуди вилоят амалкунанда, дигар ташкилоту корхонаҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, инчунин шаҳрвандони алоҳида, воситаҳои ахбори омма ба масъалаҳои ба салоҳияташ дахлдошта ҳамкориро ба роҳ мемонад.

1.6. Намояндагӣ шахси ҳуқуқӣ намебошад. Намояндагӣ ҳамчун воҳиди ташкилию иҷроия таъминкунанда ва ташкилкунандаи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳудуди ВМКБ мебошад.

**Боби 2. Сохтор ва тартиби ташкили намояндагӣ**

2.1. Сохтор ва басти воҳидҳои кории Намояндагиро Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

2.2. Намояндагӣ аз роҳбар ва мутахассиси пешбар иборат мебошад.

2.3. Роҳбари Намояндагӣ аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо розигии хаттии Раиси ВМКБ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад. Мутахассиси пешбарӣ Намояндагӣ аз ҷониби ВҲИ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

2.4. Тибқи тартиби муқарарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони Намояндагӣ шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ баста мешавад.

2.5. Шартҳои пардохти музди меҳнат, суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, таъминоти моддию техникӣ, тиббӣ, иҷтимоию маишӣ, нафақа ва таъминоти дигари кормандони Намояндагӣ, ки хизматчии давлатӣ мебошанд, бо тартиби пешбинишудаи қонунгузории хизмати давлатӣ амалӣ мегарданд.

2.6. Дар назди Намояндагӣ аз ҳисоби намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои мақомоти марказӣ дар маҳалҳо, ҷамоати шаҳраку деҳот, раисони маҳалҳо вакилони халқ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО шӯро, комиссия ва ё гурӯҳҳои корӣ таъсис дода мешавад.

**Боби 3. Функсияҳо, вазифаҳо ва ҳуқуқҳои асосии Намояндагӣ**

3.1. Функсияҳои Намояндагӣ инҳо мебошанд:

3.1.1. Таҳлили вазъи ҳуқуқи инсон ва ҳисоботдиҳӣ:

а. омӯзиши афкори омма оид ба камбудиву норасоиҳои мавҷуда дар низоми ҳифзи ҳуқуқи инсон;

б. ҷамъоварӣ ва таҳлили муроҷиатҳое, ки бевосита ба салоҳияти ВҲИ ва ВҲК мансубанд, муроҷиатҳое, ки дорои маълумотҳои вайронкунии дағалона ва оммавии ҳуқуқҳои инсон мебошанд, инчунин муроҷиатҳое, ки тавассути ВҲИ ва ВҲК ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ фиристода мешаванд ва пешниҳоди онҳо ба ВҲИ ва ВҲК;

в. ҳар семоҳа, нимсола ва дар охири соли тақвимӣ (ё тибқи нақша) роҳбари Намояндагӣ ба унвонии ВҲИ оид ба фаъолияти Намояндагии ҷиҳати риояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар вилоят ҳисобот пешниҳод менамояд;

г. шакл ва тартиби гузаронидани мониторинг ва пешниҳоди ҳисоботҳо ба роҳбари Намояндагии ВҲИ аз тарафи Дастгоҳи ВҲИ дастрас карда мешаванд.

3.1.2. Баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон ва гузаронидани машваратҳои ҳуқуқӣ:

а. гузаронидани семинарҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои омузишӣ, ташвиқотию тарғиботӣ оид ба ҳуқуқи инсон;

б. таъмини дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, воситаҳои ҳифзи онҳо ва инчунии маълумот оид ба конунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

в. ташкили машваратҳои ҳуқуқии сайёр дар маҳалҳо;

г. ба мурочиаткунандагон фаҳмонидани салоҳияти ВҲИ ва ВҲК ва тартиби мурочиат ба ВҲИ ва ВҲК;

д. таҳкими мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3.1.3. Намояндагӣ намудани ВҲИ ва ВҲК дар ҳудуди фаъолияти худ;

3.1.4. Ҳамоҳанг сохтани ҳамкориҳои ВҲИ ва ВҲК бо мақомот ва муассисаҳои давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар сохторҳо дар ҳудуди фаъолияти худ.

3.2. Вазифаҳои Намояндагӣ инҳо мебошанд:

– қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

– ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ фаҳмонидани ҳуқуқҳо ва шаклу воситаҳои ҳифзи онҳо;

– ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар сохтору ташкилотҳо фиристодани мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва назорати баррасии онҳо, аз онҳо дархост намудани маълумотхои зарурӣ, ҳуҷҷатҳо ва маводҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– иттилоотонии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва воситаҳои ҳифзи онҳо, тартиби мурочиат ба ВҲИ, инчунин қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон;

– расонидани маслиҳати ройгони ҳуқуқӣ ба мурочиаткунандагон;

– ташкили машваратҳои ҳуқуқии сайёр дар маҳалҳо;

– бо супориши ВҲИ ташкил ва гузаронидани санҷиши хабарҳо оид ба ҳодисаҳои ҳуқуқҳои вайроншудаи инсон, инчунин ариза ва шикоятҳои алоҳидаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

– ҷамъоварӣ, омӯзиш, таҳлили иттилооте, ки аз мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳо, аз муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, хабарҳои васоити ахбори омма оид ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба даст омадаанд;

– гузаронидан ва иштирок дар семинарҳо, мизҳои мудаввар, дигар чорабиниҳои омузишӣ, ташвиқотию тарғиботӣ оид ба ҳуқуқи инсон;

– таъмин намудани ВҲИ ва ВҲК бо маводҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ, аз ҷумла таҳияи ҳисоботҳо оид ба фаъолияти Намояндагӣ, ки инҳоро бояд дар бар гиранд:

а) таҳлили оморӣ ва ҷамъбастии муроҷиати шаҳрвандон;

б) пешниҳодҳо оид ба ҳолатҳои мушаххаси вайроншудаи ҳуқуқи инсон, инчунин тавсияҳо оиди ворид намудани тағйирот ба конунгузорӣ ва амалияи татбиқи онҳо;

в) таҳлили вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар маҳалҳо;

г) дигар маълумотҳо тибқи дастури ВҲИ ва ВҲК.

3.3. Қабули муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Намояндагӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро қабул ва баррасӣ менамояд.

Намояндагӣ қабули шахсии шаҳрвандони маҳалро тибқи ҷадвали муқарраршуда ба роҳ мемонад. Қабули шаҳрвандон барои шаҳрвандони маҳалли дахлдор дар вақтҳои мувофиқ гузаронида мешавад.

Намояндагӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар доираи ваколатҳои худ ҳуқуқ дорад яке аз қарорҳои зеринро қабул намояд:

- ба муроҷиаткунанда воситаҳо ва тартиби ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии ӯро фаҳмонад;

- агар масъалаи шаҳрванд омӯзиш ва санҷиши иловагиро талаб намояд, аризаи хаттии шаҳрвандро қабул намуда, ба ӯ сабабҳои дар вақти қабул номумкин будани ҳалли ариза, тартиб ва муҳлати баррасии аризаро фаҳмонад;

- ариза (шикоят)-ро барои баррасӣ ба мақомоти дахлдор, шахсони мансабдор, ки ҳалли он моҳиятан ба салоҳияти онҳо дохил мешавад, фиристонад;

- ариза (шикоят)-ро ба нишонии ВҲИ ирсол намояд;

- барои баррасӣ қабул накардани ариза (шикоят)-ро бо нишон додани сабабҳои мушаххас ва хаттӣ рад намояд.

Агар мурҷиаткунанда бо ягон сабаб мустақилона ва ба таври хаттӣ хохиши худро навишта натавонад, роҳбари Намояндагӣ уҳдадор аст, ки ба у ёрии лозимӣ расонида, муроҷиати хаттии шаҳрвандро тартиб диҳад.

Баҳисобгирӣ ва қайди қабули шахсии шаҳрвандон аз тарафи Намояндагӣ тавассути дафтари бақайдгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

3.4. Санҷиш ва мониторинги ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон

Дар ҷараёни санҷишу мониторингҳо, инчунин ҳангоми амалӣ намудани дигар ваколатҳо Намояндагӣ ҳуқуқ дорад бо дастури ВҲИ ва ВҲК:

а. бе монеа ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият ва дигар объектҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст ташриф намояд;

б. аз шахсони мансабдори дахлдор оид ба факту далелҳое, ки дар арзу шикоятҳои шаҳрвандон баён ёфтаанд, баёнот гирад;

в. ба ташкилоту муассисаҳо аз руи масъалаҳое, ки ба таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон алоқаманданд бо дархостҳо муроҷиат намояд;

г. оид ба масъалаҳое, ки ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон алоқаманданд тибқи тартиби бо қонун муқарраршуда иттилоот, ҳуҷҷатҳо, маводҳо гирад;

д. дар иҷлосияҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот иштирок намояд;

е. бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлисҳои тамоми марҳилаҳои судӣ, аз ҷумла маҷлисҳои пӯшидаи судӣ иштирок намояд.

## Боби 4. Муқарраароти хотимавӣ

4.1. Ҳуқуқу уҳдадориҳо, масъулияти кормандони Намояндагӣ дар дастурамалҳои мансабӣ, ки аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд, пешбинӣ мегарданд.

4.2. Намояндагӣ дорои мухру штамп ва бланкаҳо бо номи худ ва тасвири нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

4.3. Номи пурраи Намояндагӣ: Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ.

4.4. Макони ҷойгиршавии Намояндагӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, к.Ленин, 25.

4.5. Тағйиру иловаҳо ба Низомномаи Намояндагӣ бо фармоиши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд.